**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Шукурзода Фарҳодҷон Манон дар мавзӯи «Асосҳои маданӣ-ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3 ҳуқуқи маданӣ: ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Шукурзода Фарҳодҷон Манон дар мавзӯи «Асосҳои маданӣ-ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқи маданӣ бахшида шуда, фарогирандаи ҷанбаҳои назарӣ ва амалии мавзӯи болозикр мебошад.

Боиси зикр аст, ки дар илми сивилистикаи муосир яке аз ҷанбаҳои қобили таваҷҷӯҳро маҳз доираи объектҳо ва субъектони маданӣ-ҳуқуқӣ ташкил менамояд. Албатта, барои дар доираи илмӣ ва таҳқиқоти алоҳидаи диссертатсионӣ қарор додани масоили мубрами институтсионалии ҳуқуқи маданӣ барои ояндабинии самти мазкур такони ҷиддӣ мебахшад. Бо ин назардошт, дар замони муосир барои танзими масоили маданӣ-ҳуқуқии судҳои ҳакамӣ ва фаъолияти онҳо олимони соҳаи мазкурро ба эҷод такон додааст. Бо ин назардошт, довталаби дараҷаи илмӣ Шукурзода Ф.М. барои рушди институтсионалии илми ҳуқуқи маданӣ дар ҷодаи мазкур бисёр созгор мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии худро интихоб намудааст.

Мавзӯъ, муҳтаво ва мазмуни диссертатсияи Шукурзода Фарҳодҷон

Манон ба шиносномаи ихтисоси 5.5.3 ҳуқуқи маданӣ: ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, мувофиқат менамояд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф барои расидан ба вазифаҳои гузошташуда ҳаллу фасли вазифаҳои зеринро тақозо дорад:

- таҳлили илмии мафҳум, аҳаммият ва таснифоти воситаҳои ҳуқуқи маданӣ;

- омӯзиши асосҳои назариявии воситаҳои ҳуқуқи мадании таъмини ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои субъективии маданӣ ҳамчун намуди воситаҳои ҳуқуқи маданӣ, ки барои ҳалли мунoқишаҳои ҳуқуқӣ истифода мешавад;

- таҳқиқи сохтори ҳуқуқии шахсони ҳуқуқӣ ва суди ҳакамӣ ва муаммои таносуби ҳамдигарии онҳо;

- асосноксозии муносибати муаллиф ба воситаҳои ҳуқуқи мадании ташкили суди ҳакамии як бор амалкунанда ва доимоамалкунанда;

- тасвияти пешниҳодот оид ба реҷаи ҳуқуқи мадании созишномаи ҳакамӣ;

- таҳлили рушди қонунгузорӣ дар соҳаи танзими фаъолияти судҳои ҳакамӣ, коркарди пешниҳодот оид ба такмили қонунгузории ҷорӣ ва амалияи татбиқи он.

Объекти таҳқиқотро муносибати ҳуқуқие ташкил медиҳад, ки вобаста ба ташкил ва фаъолияти судҳои ҳакамии доимамалкунанда ва якбор амалкунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд меоянд.

Мавзӯи (предмет) таҳқиқотро муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқи марбут ба воситаҳои ҳуқуқи мадании таъмини ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои

субъективии маданӣ ҳамчун намуди воситаҳои ҳуқуқи маданӣ, ки барои ҳалли мунокишаҳои ҳуқуқӣ истифода мешавад, ташкил медиҳанд.

Навгонии илмӣ. Диссертатсия яке аз аввалин таҳқиқотҳои илми ба масъалаи асосҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар ҶТ бахшидашуда ба шумор меравад.

Дар кори илмии мазкур масъалаҳои танзими ҳуқуқии воситаҳои ҳуқуқи мадании таъмини ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои субъективии маданӣ ҳамчун намуди воситаҳои ҳуқуқи маданӣ, ки барои ҳалли мунокишаҳои ҳуқуқӣ истифода мегардад, ба таври комплексӣ дида баромада шуд.

Асосҳои методологии таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро осори мутахассисони соҳаи илми сивилистӣ, ки оид ба воситаҳои ҳуқуқи мадании ташкили суди ҳакамии якбор амалкунанда ва доимоамалкунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷи кишвар, ҳамчунин реҷаи ҳуқуқи мадании созишномаи ҳакамӣ ҳамчун асоси фаъолияти судҳои ҳакамӣ натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ ва эҷодӣ пешниҳод намудаанд, ташкил медиҳад.

Зимни таҳқиқот асноди қонунгузорие таҳлил карда шуданд, ки муносибати марбутаи бунёди судҳои ҳакамӣ ва ташкили фаъолияти онҳоро ҷиҳати таъмини ҳимояи ҳуқуқҳои субъективии маданӣ фароҳам меоварад, таҳлил гардидааст.

Ҳамзамон, дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз усулҳои системавӣ, муқоисавӣ, таърихиву ҳуқуқӣ, эмпирикӣ, расмиву ҳуқуқӣ мавриди истифода қарор гирифтааст.

Асосҳои назариявии таҳқиқотро асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ ташкил дода, дар байни онҳо асарҳои олимони соҳа Э.Н.Гимазова, С.А.Владимирова, Ш.М.Исмоилов, Ш.М.Менглиев,

М.А. Маҳмудзода, М.З. Раҳимзода, Ш.К. Ғаюрзода, Ш.Т.Тағойназаров, А.В. Золотухин, Ҷ.С. Муртазозода, Д.С. Раҳмон, Д.Ш. Сангинзода, П.И. Пугинский ва дигаронро қайд намудан мумкин аст. Табиати ҳуқуқии судҳои ҳакамиро олимони хориҷӣ, аз ҷумла Т.Н. Нешетаева, Д.А. Колиника, Е.Е. Можаев, М.В. Панов, Т.В. Лалута, П.В. Каменева ва дигарон таҳқиқ намудаанд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқикот. Аҳамияти илмию амалии натиҷаҳои таҳқикот дар он зоҳир мегардад, ки нуктаҳои назариявӣ ва хулосаҳои он метавонанд:

- барои такмил додани қонунгузории ҶТ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои иштирокчиёни муносибатҳои маданӣ–ҳуқуқӣ доир ба интихоби шаклҳои ғайрисудии ҳимояи ҳукуки маданӣ;

- ҳангоми коркарди асноди зерқонунии меъёрии ҳуқуқии соҳаи ташкил ва фаъолияти судҳои ҳакамӣ;

- дар раванди таълим зимни таҳияи лексия дар макотиби олӣ ва дар низоми такмили ихтисос;

- ҳангоми таҳқиқоти илмии соҳаи мазкур истифода шаванд.

Диссертатсия аз номгӯи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, 3 боб, 6 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқикот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат мебошад.

Диссертатсияи Шукурзода Фарҳодҷон Манон ба талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсияи номзадии Шукурзода Фарҳодҷон Манон дар мавзӯи «Асосҳои маданӣ-ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон» кори таҳқиқотии анҷомёфтаи илмӣ буда, сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3 ҳуқуқи маданӣ: ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад ва барои муҳокима ва ҳимоя тавсия дода мешавад.


Роҳбари илмӣ:
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент, Ректори Донишкадаи
омӯзгории Тоҷикистон дар
ноҳияи Рашт Раҷабзода М.Н.
Суроға: 735450, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
н. Рашт, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин 63
Тел.: (+992) (8) 313121103, 985515559.
Email: dot.rasht@mail.ru

Имзои Н.М. Раҷабзода-ро тасдиқ мекунам.
Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси Донишкадаи
омӯзгории Тоҷикистон дар
ноҳияи Рашт Шодизода Н.М.
02. 10.2025

Суроға: 735450, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
н. Рашт, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин 63
Тел.: (+992) (8) 313121103, 985515559.
Email: dot.rasht@mail.ru